# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба рисолаи илмии Нематуллоев Муродбек Музафарович дар мавзуи «Усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон тавассути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат» (дар мисоли Муассисаи таълимии давлатии «Гимназияи № 1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе»), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

Дар шароити кунунии рушди босуръати ҷомеи ҷаҳонӣ ва ҷой доштани равандҳои ҷаҳонишавӣ пешрафти ҳар як давлату кишвар аз рушди бемайлони соҳаҳои илм ва маориф, пеш аз ҳама, аз тарбия ва ташаккули ҳар як фарди ҷомеа вобастагии зич дорад. Дар ин маврид, нуктаеро набояд фаромӯш сохт, ки ташаккули шахсияти донишманди дорои қобилияти баланди зеҳнӣ ва малакаю маҳорати матлуб аз кӯдакистон ва мактаб маншаъ гирифта, тавассути дарсҳои иловагӣ тақвият меёбад. Аз ин рӯ, дар қатори дарсҳои асосӣ ба роҳ монда шудани таҳсилоти иловагӣ низ хеле муҳим буда, дорои аҳамияти хос мебошад. Зеро, иштироки хонандагон дар дарсҳои иловагӣ ба онҳо имкон фароҳам меорад, ки мавзуъҳои таълимии дар дарсҳои асосӣ гузаштаашонро боз ҳам пурратару амиқтар аз худ намоянд.

Рисолаи илмии Нематуллоев Муродбек Музафарович маҳз ба пажӯҳиши масъалаҳои марбут ба рушди қобилияти зеҳнии хонандагон тавассути ба роҳ мондани дарсҳои иловагӣ ва фароҳам овардани шароитҳои педагогии ташаккули қобилиятҳои зеҳнии хонандагон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ бахшида шуда, ҳамчун «Усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат» (дар мисоли Муассисаи таълимии давлатии «Гимназияи № 1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе») ном гирифтааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**

Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия Нематуллоев Муродбек Музафарович дар мавзуи «Усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат» (дар мисоли Муассисаи таълимии давлатии «Гимназияи № 1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе») ба бандҳои зерини шиносномаи илмии ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мутобиқат менамояд: *банди 1* – Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-

педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ; *банди 4* – Сифати ташкили чорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ).

**МУБРАМ БУДАНИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ**

Дар ҷаҳони муосир, омӯзиш ва баррассии як қатор масъалаҳои муҳим, ба монанди баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, таъмин кардани рушди фарҳанги иттилоотии ҷомеа ва бад-ин васила таҳким бахшидан ба мавқеи соҳаи маорифи кишвар, баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон, истифода бурдан аз усулҳои ҷадиди рушди қобилияти зеҳнии хонандагон дар ҷараёни таълим дар ҳалли вазифаҳои калидии раванди ислоҳоти соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд. Аз ҷумла, дар низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ рушди қобилияти зеҳнии хонандагон тавассути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат инкишофи шахсияти хонанда, омодагӣ ба фаъолияти мустақилу самаранок, омодагии иҷтимоӣ ва суръатбахшии раванди таълимро дар ингуна муассисаҳо таъмин менамояд.

Бинобар ин, имрӯзҳо, истифода бурдан аз усулҳои педагогии муосир дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат ба масъалаи мубрами ҳаёти иҷтимоии ҷомеа табдил ёфта, татбиқи босамари онҳо дар рушди қобилияти зеҳнии хонандагон беш аз пеш мубрамияти хосро ба худ касб кардааст.

Дар асоси натиҷаҳои аз омӯзиши таъминоти методии муассисаҳои таълимӣ бадастоварда муаллиф ҷой доштани як мушкили воқеиро дарҷ кардааст, ки он ба эътибор гирифта нашудани талаботи муассисаҳои таълимиро ба барнома ва китобҳои дарсӣ, ки дар онҳо дархостҳои инфиродӣ ва манфиатҳои кӯдакони лаёқатманд фаро гирифта мешавад, ифода менамояд. Яъне, айни замон, дар барномаҳои таълимӣ роҳу воситаҳои алтернативии рушди хонандаи лаёқатманд берун аз барномаи таълимии асосӣ ба назар гирифта нашудаанд, ҳол он ки навоварӣ дар низоми маорифи миллӣ на танҳо ба азхудкунии донишҳои муайян, балки ба рушди шахсият ва талаботи маърифативу созандагии хонандагон равона гардидааст.

Аз ин рӯ, рушди қобилияти зеҳнии хонандагон тавассути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, мубрамияти мавзуи таҳқиқотро тасдиқ менамояд.

**ДАРАҶАИ НАВГОНИИ НАТИҶАҲОИ ДАР ДИССЕРТАТСИЯ БАДАСТОМАДА ВА НУКТАҲОИ ИЛМИЕ, КИ БАРОИ ҲИМОЯ ПЕШНИҲОД МЕШАВАНД**

Навгониҳои илмие, ки дар дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф ба даст оварда шудаанд, боварибахш ва боэътимод буда, дар бандҳои зерин инъикос меёбанд:

– усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон тавассути дарсҳои иловагӣ муайян карда шуданд;
– самаранокии ташкили дарсҳои иловагӣ дар таъмини сифати таҳсилоти хонандагони болаёқат дар шароити муассисаи таълимии мавриди пажӯҳиш қарордошта (Гимназия) ошкор карда шудааст;
– мазмун ва мундариҷаи таҳсилоти иловагӣ дар Гимназия бо роҳи ворид намудани қисм (компонент)-ҳои нави таълимӣ дар он ғанӣ гардонида шудааст;
– ҳамгироии дарсҳои асосӣ бо дарсҳои иловагӣ дар Гимназия аз лиҳози илмиву назариявӣ асоснок карда шудааст;
– тарҳ (модел)-и таълимии самараноки таъминкунандаи дастовардҳои таълимии хонандагон тавассути омӯзиши амиқи фанҳои таълимӣ дар дарсҳои иловагӣ таҳия ва татбиқ гардидааст.

Илова ба навгониҳои илмии болозикр, мавқеи илмии муҳаққиқро нуктаҳои зерини ба ҳимоя пешниҳодшаванда фаро мегиранд, ки онҳо баёнгари мазмуни асосӣ ва моҳияти мантиқии диссертатсия буда, муаррифгари натиҷаҳои зимни гузаронидани пажӯҳиш ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастовардаи муаллиф мебошанд:

1. Муқаррар гардидааст, ки таҳсилоти иловагӣ қисмати пурраи низоми раванди таълим буда, ҳамчун қисми фаъолияти муассисаи таълимии мавриди пажӯҳиш қарордошта (Гимназия) рушд мекунад.

2. Исбот карда шудааст, ки тарҳ (модел)-и самараноки ҳамгироии дарсҳои асосӣ бо дарсҳои иловагӣ тибқи нақшаву барномаҳои таълимӣ дастовардҳои таълимии хонандагонро афзун намуда, ба беҳтар гардонидани сатҳу сифати таҳсилот мусоидат менамояд.

3. Муайян гардидааст, ки банақшагирии дурусти дарсҳои иловагӣ аз рӯйи майлу рағбат ва хоҳишу дархости хонандагон дар ташаккул ва рушди қобилияти зеҳнии хонандагон мусоидат менамояд.

4. Ошкор карда шудааст, ки истифодаи усулҳои инноватсионии таълим ва баргузории машғулиятҳои берунaзсинфию берунaзмактабӣ дар баландшгавии сифати таҳсилоти хонандагон нақши муҳим дорад.

5. Асоснок карда шудааст, ки ташаккул ва рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагон дар дарсҳои иловагӣ дар сурати ба инобат гирифтани хусусиятҳои синнусолӣ ва психологии кӯдакони лаёқатманд самаранок мегарданд.

**АСОСНОКӢ ВА ЭЪТИМОДНОКИИ ХУЛОСАҲО ВА ТАВСИЯҲОИ ДАР ДИССЕРТАТСИЯ ЗИКРШУДА**

Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои зимни иҷрои корҳои таҳқиқотӣ бадастомада бо истифода аз доираи васеи базаи методологӣ, омӯзиш ва таҳлили теъдоди зиёди адабиёти илмии ба масъалаи таҳқиқот алоқаманд ва баррассии ҷабҳаҳои гуногуни мавзуи кори илмӣ таъмин карда шудаанд. Аз ҷумла, самаранокии натиҷаҳои таҳқиқотро татбиқи амалии корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар раванди таълим дар Муассисаи таълимии давлатии «Гимназияи № 1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе» исбот мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда ҷамъбаст ва мураттаб гардидаанд, ки онҳо нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшударо исбот ва фарзияи таҳқиқотро тасдиқ мекунанд.

Факту рақамҳои дар диссертатсия овардашуда ва матолиби дар он дарҷгардида аз ҳаҷми калони кори илмии баанҷомрасонидаи муаллиф ва якчанд соли пажӯҳиширо фаро гирифтани кор шаҳодат медиҳанд.

Ҳамзамон, эътимоднокии натиҷаҳои рисолаи илмӣ дар мақолаҳои илмии нашркардаи муаллиф, маърӯзаҳои ӯ аз рӯйи мавзуи таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва баррасии натиҷаҳои аз кори таҳқиқотӣ бадастомада дар семинарҳои илмӣ-методӣ таҷассум меёбад.

**АҲАМИЯТИ ИЛМӢ, АМАЛӢ, ИҚТИСОДӢ ВА ИҶТИМОИИ НАТИҶАҲОИ ДИССЕРТАТСИЯ БО НИШОН ДОДАНИ ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ ОНҲО**

Навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ будани кори диссертатсиониро тасдиқ мекунанд.

Муаллиф масъалаи рушди қобилияти зеҳнии хонандагонро аз нигоҳи заминаи асосии кор бо хонандагони болаёқат мавриди пажӯҳиш қарор дода, истифода бурдан аз усулҳои муосирро дар вақти ташхиси сатҳи салоҳияти омӯзгорон ва хонандагон, инчунин дар раванди таҳия ва истифодаи барномаи самарабахшии таълим муфид арзёбӣ кардааст.

Зимни шиносоӣ бо рисолаи диссертатсионӣ аён мегардад, ки муҳаққиқ маводи зиёди назариявии ба усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат алоқамандро таҳқиқ намуда, дар асоси таҳлили муқоисавии андешаҳои олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ нақш ва мақоми хоси дарсҳои иловагиро дар самарабахшии фаъолияти таълимӣ ва рушди қобилияти зеҳнии хонандагон исбот карда, усулҳои педагогии рушди ингуна қобилиятҳоро коркард ва татбиқ намудааст.

Аҳамияти назариявии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар бандҳои зерин зоҳир гардидаанд:

– принсипҳои асосии банақшагирии таълимии дарсҳои иловагӣ бо дарназардошти малакаю маҳорат ва хусусиятҳои фардии хонандагон таҳия гардидаанд;
– дар асоси таҳлил ва омӯзиш нақши олимпиадаҳои фаннӣ, озмунҳои зеҳнӣ ва чорабиниҳои фарҳангӣ дар рушди истеъдод ва қобилиятҳои хонандагон муайян карда шудааст;
– усулҳои асосноки методӣ ва принсипҳои фаъолияти модели мазмунан ғанигардонии рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагон дар муассисаи таълимии мавриди пажӯҳиш қарордошта (Гимназия) таҳия гардидаанд;
– зарурати такмил додани методикаи таълими хонандагони болаёқат дар низоми таҳсилоти иловагӣ асоснок карда шудааст, ки татбиқи бевоситаи он дар раванди таълими машғулиятҳои иловагӣ дар назар дошта шудааст;
– низоми ташкили фаъолияти беруназсинфии хонандагони лаёқатманд таҳия гардидааст, ки ба талаботи ҷомеа ва ниёзҳои таълимии шахс мутобиқат менамояд;
– модели инноватсионии усулҳои таълимӣ барои кӯдакони лаёқатманд, ки омодагии онҳоро барои фаъолияти касбӣ ва соҳиб шудан ба дастовардҳои баланд таъмин менамояд, таҳия гардидааст.

Натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада метавонанд дар таҳияи минбаъдаи дастурҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва воситаҳои методӣ истифода бурда шаванд. Инчунин, рисолаи илмӣ метавонад дар оянда ба сифати рисолаи бунёдӣ ва роҳнамо дар таҳқиқотҳои диссертатсионии дигар ва ё масъалаҳои ҷудогонаи ба самти диссертатсияи мазкур алоқаманд хизмат намояд.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нуктаҳои зерин муайян карда шудаанд:

– банақшагирии дарсҳои иловагӣ бо дарназардошти ғанӣ гардонидани мазмуну мундариҷаи дарсҳои асосӣ сурат гирифта, дар умум, фазои ягонаи таълимиро дар муассисаи таълимии мавриди пажӯҳиш қарордошта (Гимназия) ташкил додааст, ки ҳадафи асосии он ба рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагон нигаронида шудааст;
– усулҳои инноватсионии ташкили дарсҳои иловагӣ дар Гимназия бо дарназардошти қобилият, шавқу ҳавасмандии хонандагон таҳия ва татбиқ карда шудаанд;
– вобастагии раванди ташаккули донишу маҳорат ва қобилиятҳои зеҳнии хонандагон дар дарсҳои иловагӣ аз сатҳи тахассусмандӣ ва худомӯзии омӯзгорон ошкор карда шудааст;

– бо дарназардошти сатҳи донишу қобилиятҳои хонандагон ва шавқу рағбати онҳо барои омӯзиши амиқи фанҳои алоҳида маҳфилҳои фаннӣ вобаста аз зинаҳои таҳсилот: ибтидоӣ (синфҳои 1-4), асосӣ (синфҳои 5-9) ва миёнаи умумӣ (синфҳои 10-11) ташкил карда шудаанд;
– санҷиши тавсияҳои методӣ оид ба усулҳои педагогии ташаккули қобилиятҳои зеҳнии хонандагон, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳия гардиданд, дар рафти корҳои таҷрибавию озмоишӣ ба роҳ монда шудааст;
– тавсияҳои методӣ барои омӯзгорон оид ба рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагон дар дарсҳои иловагӣ ҷорӣ карда шуданд, ки боиси баланд бардоштани самаранокии фаъолияти омӯзгорон гардидаанд;
– модели пурмазмуни ғанӣ гардонидани қобилиятҳои зеҳнии хонандагон тавассути дарсҳои иловагӣ дар амалияи раванди таълими Гимназия ҷорӣ карда шудааст.

**НАШРИ НАТИҶАҲОИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР МАҶАЛЛАҲОИ ТАҚРИЗШАВАНДАИ ИЛМӢ**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 16 таълифоти муаллиф, аз ҷумла, дар 5 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон батабъ расида инъикос ёфтаанд. Дар интишороти илмӣ мазмун ва мундариҷаи асосии рисолаи илмӣ, натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада, хулоса ва тавсияҳои муаллиф ҷой дода шудаанд.

**МУТОБИҚАТИ БАРАСМИЯТДАРОРИИ ДИССЕРТАТСИЯ БА ТАЛАБОТИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Диссертатсия ва автореферати бо дарназардошти талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия таълиф карда шудаанд.

Автореферати диссертатсия мазмун ва мундариҷаи мухтасари диссертатсияро ифода намуда, моҳияти таҳқиқоти баанҷомрасида ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро муаррифӣ мекунад.

Натиҷаҳои бадастовардаи муҳаққиқ ва эътимоднокии онҳо, хулосаю тавсияҳои муаллиф аз ҷиҳати илмӣ ва методӣ асоснок карда шудаанд.

Тибқи муқаррароти дастурамали болозикр рисола бо забони равон ва оммафаҳми илмӣ навишта шуда, дар он тартиби таҳия, тақсимкунӣ ба бобу

фаслҳои алоҳида ва ҷойгиркунии мантиқии онҳо аз рӯйи тартиби дурусти робитаи байниҳамдигарӣ риоя гардидааст. Барои ҳар боб дар алоҳидагӣ ва барои диссертатсия дар умум хулосаҳои мувофиқ матраҳ ва пешниҳод карда шудаанд.

**ТАВСИФИ МУХТАСАРИ МАЗМУН ВА МУНДАРИҶАИ ДИССЕРТАТСИЯ**

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, ҳафт фасл, хулосаю тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда таркиб ёфтааст. Он дар ҳаҷми 184 саҳифаи чопи компютерӣ таҳия гардида, 15 расму диаграмма, 11 ҷадвал ва рӯйхати 173 адабиётро фаро гирифтааст.

Дар муқаддима аҳамияту дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, сарчашмаҳои маълумот, усулҳои пажӯҳиш, навгониҳои илмӣ, арзишҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян карда шудаанд.

Дар боби якуми рисола «Асосҳои назариявии дарёфт ва рушди қобилияти зеҳнии хонандагони болаёқат» масъалаи лаёқатмандии хонандагон дар низоми муосири таҳсилот, усулҳои инноватсионии психологӣ ва педагогии дарёфти хонандаи болаёқат, навъҳои лаёқатмандӣ, принсипҳои асосии таълими хонандагони болаёқат баррасӣ гардидаанд. Муаллиф истифодаи хуби таҳқиқотҳои олимони ватанӣ ва хориҷиро ба роҳ монда, зимни омӯзиш ва таҳлили муқоисавӣ арзишмандии онҳоро дар кори худ таъкид намудааст.

Муаллиф дар ин боб ҷанбаҳои мухталифи мавзуъ, ба монанди талаботи маърифатӣ, шавқу рағбати маърифатӣ, шахсияти омӯзгор, муносибати эҳсосотӣ ба таҳсилот, ба инобат гирифтани хусусиятҳои синнусолии хонандагон ва хусусиятҳои дигари онҳоро мавриди пажӯҳиш қарор дода, паҳлуҳои гуногуни усулҳои педагогии рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагонро дар дарсҳои иловагӣ баррасӣ намудааст.

Дар асоси пажӯҳиши хеш муаллиф қайд мекунад, ки инкишофи бомуваффақияти лаёқатмандии хонандагон аз ташхис ва муайян кардани аломатҳои лаёқатмандии онҳо вобастагии хеле зич дорад ва дар ин самт ҳал кардани як қатор вазифаҳо талаб карда мешавад, ба мисли коркард намудани методикаи самараноки ташхиси лаёқатмандии хонандагон, муайян кардани вазъи ибтидоии сатҳи лаёқатмандии хонандагон ҳангоми қабул ба муассисаи таълимӣ, муқаррар намудани вобастагии байни сифати таълим ва сатҳи инкишофи лаёқатмандии хонандагон ва таҳияи методикаи кори инфиродӣ бо хонандагоне, ки аломати лаёқатмандӣ доранд.

Дар боби дуюми рисола «Таълими иловагӣ ҳамчун омили рушди зеҳнии хонандагони болаёқат» роҳҳо ва воситаҳои асосии банақшагирии таълими иловагӣ барои хонандагони болаёқат, такмил додани донишу маҳорати

хонандагони болаёқат дар раванди таҳсилоти иловагӣ, низоми омодасозии хонандагон ба олимпиадаҳои фаннӣ ва озмунҳои зеҳнӣ тавассути ба роҳ мондани таҳсилоти иловагӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода шудаанд.

Дар ин боб низоми банақшагирии таҳсилоти иловагӣ барои хонандагони болаёқат дар Муассисаи таълимии давлатии «Гимназияи № 1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе» мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, зеро дар муассисаи таълимии мазкур дарсҳои иловагӣ дар қатори дарсҳои асосӣ ҳамчун шакли асосии таълим ва тарбияи хонандагони болаёқат ба ҳисоб меравaнд. Инчунин, дар ин боб натиҷаи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба самаранокии ташкили раванди таҳсилоти иловагӣ арзёбӣ карда шудаанд.

Муаллиф таъкид месозад, ки танҳо он модели таълимие самарнок ва муваффақ мегардад, ки хусусиятҳои инфиродии ҳар кӯдаки лаёқатмандро бо дарназардошти синну сол ба инобат гирифта бошад. Ҳамзамон, дар интихоби модели самараноки таълимии кор бо хонандагони болаёқат ба назар гирифтани тахассусмандии омӯзгорон низ мавқеи хос дорад.

Натиҷагирӣ аз истифодаи методикаҳои таҳқиқотӣ дар 15 расму диаграмма ва 11 ҷадвал ифода ёфта, ҳамаи далелу рақамҳо бо истифода аз усулҳои оморӣ таҳлилу баррасӣ карда шудаанд.

Дар хулосаи рисола масъалахои матраҳшуда натиҷагирӣ карда шуда, хулосаҳои таҳқиқоти анҷомёфта ва тавсияҳои мушаххасу боэътимод дар робита ба рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагони болаёқат пешниҳод карда шудаанд.

## КАМБУДӢ ВА НОРАСОӢ ДАР ТАҲҚИҚОТИ ДИССЕРТАТСИОНӢ ВА ЭРОДҲО НИСБАТИ ОНҲО

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ – дастовардҳои муҳими назариявӣ ва амалии таҳқиқот, ки баёни онҳо болотар оварда шудааст, дар диссертатсия ва автореферати он баъзе камбудӣ ва норасоиҳо низ роҳ ёфтаанд, ки зикри чанде аз онҳо барои ислоҳ ва ё тавзеҳ ҷиҳати такмили минбаъдаи рисолаи илмӣ хеле муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Дар диссертатсия (саҳ. 39) вобастагии функсионалии лаёқатмандӣ аз рӯйи нишондодҳову сохтори иқтидори он ва лаёқатмандии мубрам ҳамчун вазифаи интегралӣ дар намуди формулаи мувофиқ муайян карда шудааст. Аммо чиро ифода кардани чор аргументи ин вобастагии функсионалӣ: $k_1$, $k_2$, $k_3$ ва $k_4$ тавзеҳ наёфтаанд. Инчунин, дар кадом марҳалаи таҳқиқот истифода шудани формулаи овардашуда баён нагардидааст.

2. Дар диссертатсия (саҳ. 71) оид ба ҷамъоварӣ ва барои омӯзиш ба афроди боистеъдод пешниҳод кардани «фанҳои экзотикӣ» дарҷ карда шудааст. Аммо худи мафҳуми «фанҳои экзотикӣ» шарҳ дода нашудааст.

3. Дар матни диссертатсия як қатор истилоҳҳое вомехӯранд, ки дар асоси навишт ва ё талаффузи онҳо дар забонҳои русӣ ва англисӣ навишта шудаанд, масалан, бинарӣ, лаборатория, маршрут, модел, практикум, презентатсия, траектория, шкала, эффект ва ғайра. Агарчӣ истифодаи онҳо дар чунин шакли навишт ҳам ҷоиз аст, аммо беҳтар мебуд, агар ҷойгизуни онҳо ба забони тоҷикӣ истифода мешуданд. Зеро, дар ҳоли ҳозир аксари истилоҳҳои соҳавӣ (бо шумули истилоҳҳои номбаршуда) ба забони тоҷикӣ тарҷума шудаанд ва мавриди истифодаи васеъ низ қарор доранд.

4. Дар рӯйхати адабиёти истифодашуда, инчунин дар истинодҳои ба онҳо овардашуда баъзе норасоиҳои техникӣ низ дида мешаванд, масалан, таҳти як рақами тартибӣ ҷой дода шудани беш аз як интишорот, оварда нашудани мушаххасоти баъзе таълифот, ҷой доштани адабиёте, ки ба онҳо истинод оварда нашудааст, ҷой додани истинод ба замимаҳои мавҷуднабуда.

5. Дар матни диссертатсия ва автореферати он ҷо-ҷо баъзе хатоҳои имлоӣ ва услуб, инчунин камбудиҳои ороишӣ ба назар мерасанд, ки аслан дорои характери техникӣ буда, ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кори илмӣ мусоидат ҳоҳанд кард.

Таъкид месозем, ки камбудӣ ва норасоиҳои зикршуда бештар хусусияти тавсиявӣ дошта, ба ҳеч ваҷҳ мубрамияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзишҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намегардонанд. Кори таҳқиқотӣ дар сатҳи матлуби назариявӣ ва методӣ иҷро карда шуда, хусусияти мустақилӣ ва мукаммалиро соҳиб аст ва ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

**Хулоса**

1. Диссертатсияи Нематуллоев Муродбек Музафарович дар мавзуи «Усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон тавассути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат» (дар мисоли Муассисаи таълимии давлатии «Гимназияи № 1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе») кори таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб меравад, ки дар сатҳи хуби илмӣ таҳия гардидааст. Он барои соҳаҳои маориф ва илм арзиши муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф эътимоднок буда, хулоса ва тавсияҳои ӯ асосноканд.

2. Муаллиф ба мақсади дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда расида, вазифаҳои барои таҳқиқот пешбинишударо ҳал карда, фарзияи таҳқиқотро исбот намудааст.

3. Мақолаҳои илмии батабърасидаи муаллиф ва автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос инъикос мекунанд.

4. Мазмун ва мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мувофиқат мекунад.

5. Таҳқиқоти диссертатсионии Нематуллоев Муродбек Музафарович дар мавзуи «Усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон тавассути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат» (дар мисоли Муассисаи таълимии давлатии «Гимназияи № 1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе»), ки барои ҳимоя ҷиҳати дарёфт кардани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ пешниҳод карда шудааст, ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Нематуллоев Муродбек Музафарович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои педагогӣ,
муаллими калони кафедраи барномасозӣ
ва муҳандисии компютерии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

**НАЗАРЗОДА**
**Рустам Саидмурод**

*шаҳри Душанбе,*
*8-уми сентябри соли 2023*

*«Имзои Назарзода Р. С. -ро тасдиқ мекунам».*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Бухориев Н. А.


**Маълумот барои тамос:**

Нишонӣ: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев, 63/3 Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Телефон: +992-90-779-20-03

Почтаи электронӣ: Rustam_N@hotmail.com